# БЮЛЛЕТЕНИ

## КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЮЛЛЕТЕНЬ

## ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

№2-3 (10-11) 2019

БЮЛЛЕТЕН АЗ СОЛИ 2017 НАШР МЕШАВАД.

БЮЛЛЕТЕН ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 03.07.2017
ТАҲТИ № 011/МҶ-97 САБТИ НОМ ШУДААСТ.
БЮЛЛЕТЕН ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД.

**Сармуҳаррир:**

***Розиқзода А.Ш.*** – доктори илмҳои таърих, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муовини сармуҳаррир:**

***Комилиён Ф.С.*** – доктори илмҳои физикаю математика, профессор, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Котиби масъул:**

***Бозоров Ш.Э.*** – номзади илмҳои кишоварзӣ, котиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

***Муминзода Б.Ғ.***- номзади илмҳои тиббӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрии КОА

***Марифхонов Р.Н.*** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии КОА

***Гулаҳмадов Ҳ.Ш.*** – номзади илмҳои техникӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии КОА

**Масъули чоп:**

***Шарифов Ҷ.***

**Главный редактор:**

***Розикзода А.Ш.*** – доктор исторических наук, председатель Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Заместитель главного редактора:**

***Комилиён Ф.С.*** – доктор физико-математических наук, профессор, заместитель председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Ответственный секретарь:**

***Бозоров Ш.Э.*** – кандидат сельскохозяйственных наук, ученый секретарь Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Редакционная коллегия:**

***Муминзода Б.Г.*** – кандидат медицинских наук, заведующий аттестационным отделом медицинских, ветеринарных, фармацевтических и аграрных наук ВАК

***Марифхонов Р.Н.*** – кандидат юридических наук, заведующий аттестационным отделом общественно-гуманитарных наук ВАК

***Гулахмадов Х.Ш.*** – кандидат технических наук, заведующий аттестационным отделом естественно-математических и технических наук ВАК

**Ответственный за выпуск:**

***Шарифов Дж.***

# МУНДАРИҶА

**А.Розиқзода**. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талабот ба сатҳу сифати рисолаҳои илмӣ (диссертатсияҳо).......................................................................... 6

Номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталабони дарёфти дараҷаи илмӣ барои пешниҳод ба КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ..............................................23

Намунаҳои ҳуҷҷатҳо ........................................................................25

Перечень документов аттестационного дела соискателей ученой степени которые представляются в ВАК при Президенте Республики Таджикистан...............................................................57

Образцы документов ........................................................................59

Номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталабони унвони илмии дотсент (профессор) барои пешниҳод ба КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................................90

Намунаҳои ҳуҷҷатҳо ........................................................................92

Перечень документов аттестационного дела соискателей ученого звания доцента (профессор) которые представляются в ВАК при Президенте Республики Таджикистан ..........................................108

Образцы документов........................................................................110

Номгӯйи ҳуҷҷатҳои асосии шӯрои экспертӣ ..............................128

Намунаҳои ҳуҷҷатҳо ........................................................................129

Перечень основных документов экспертного совета................140

Образцы документов........................................................................141

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои баробарарзишии ҳуҷҷатҳои дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ ........................................ 152

Намунаҳои ҳуҷҷатҳо ........................................ 153

Перечень документов для нострификации документов об ученой степени и ученой звании ........................................ 164

Образцы документов ........................................ 165

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо оид ба ташкили шӯрои диссертатсионии якдафъаина ........................................ 175

Намунаҳои ҳуҷҷатҳо ........................................ 176

Перечень документов для организации разового диссертационного совета ........................................ 180

Образцы документов ........................................ 181

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои таъсиси шӯрои дисссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ........................................ 185

Намунаҳои ҳуҷҷатҳо ........................................ 187

Перечень документов по созданию диссертационного совета на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности ........................................ 203

Образцы документов ........................................ 205

*А.Розиқзода*

# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЛАБОТ БА САТҲУ СИФАТИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ (ДИССЕРТАТСИЯҲО)

Дар ҳама давру замон ҷомеа ба донишмандон, шоирону табибон, ихтироъкорону муҳандисон ниёз дошт ва олимону мутафаккирон ҳамеша ва имрӯз ҳам, неруи муқтадир ва пешбарандаи ҷомеа буданду мебошанд. Олимону мутафаккирон ва шоирону нависандагон, ки дар маҷмуъ аҳли зиё ва равшанфикрони кишвар мебошанд, муаррифгари маънавиёт, асолати ақлонии миллат ва ҳимоятгари манфиатҳои миллату давлат мебошанд. Барҳақ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф ва илмро аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварӣ ва афзалиятноки сиёсати дохилии худ эълон намудааст.

Ҳақ ба ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар суханронии худ ба муносибати «Рӯзи дониш» дар Донишкадаи идоракунии давлатӣ, 1 сентябри соли ҷорӣ таъкид намуданд: «шахсони босаводу донишманд барои ҳар як давлату миллат сарвати бебаҳо, неруи тавонои зеҳнӣ ва кафили пешрафти давлату ҷомеа ба шумор меравaнд».

Воқеан ҳам, дар ҳошияи эроду дархостҳо ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба натиҷаҳо ва дастовардҳои илмии нокифояи олимони кишвар, бахусус дар бахшҳои техника, технология, тиб, кишоварзӣ ва илмҳои дақиқ, дарёфти роҳҳои бартарафкунии ин норасоиҳо, ҳамчунин дар роҳи ба қувваи истеҳсолкунанда табдил додани илм семинар-машварати илмӣ, ки бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим санаи 21 сентябри соли 2019 дар Китобхонаи миллӣ бо иштироки олимони кишвар доир гардида, хеле саривақтӣ ва дорои аҳамияти хос буд[1].

[1] Нуктаҳои асосии ин мақола дар ҳамин семинар-машварат ироа шуда буд.

Дар тӯли 27 соли охир ин дуюмин чорабинии сатҳи ҷумҳуриявист, ки маҳз ба масъалаи ҳамгироии илм бо истеҳсолот бахшида шудааст. Бори аввал ҳамин гуна чорабинӣ 17 декабри соли 2002 дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.М. Муҳиддинов дар шакли семинар-машварат таҳти унвони «Илм ва истеҳсолот» баргузор гардида буд, ки аз тарафи олимони ҷумҳурӣ хеле муфид арзёбӣ ва самимона истиқбол гардида буд.

Мутаассифона, як муддат ин иқдом ва падидаи нек фаромӯш гардид ва хушбахтона, бо роҳнамоию ҳидояти Президенти кишвар, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он эҳё гардида, имрӯз бо роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Азим Иброҳим дар шакли нав ва иштироки доираи васеътари олимони кишвар, сохтору ниҳодҳои марбутаи давлатӣ рӯйи кор омад.

Дарвоқеъ, ҷаҳони муосир, ки хеле мураккаб, пуртазод ва тез тағйирёбанда мебошад, ҷараёни пуртуғёни ҷаҳонишавӣ насли башарро ба хатарҳои нав ба нави глобалӣ рӯ ба рӯ сохтааст. Дар чунин вазъият ва ба ин хатарҳо танҳо кишвару давлатҳое муқовимат карда метавонанд, ки пеш аз ҳама, аз захираи пуриқтидори илмиву технологӣ бархӯрдор бошанд. Маҳз ҳамин ҷиҳатро дар назар дошта, Пешвои муаззами милат дар паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар хеле бомаврид, нишонрас ва барномавӣ таъкид намуданд: «Дар шароити имрӯза, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст, олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти илми ватанӣ корҳои таҳқиқотию технологиро вусъат бахшанд».

Аз набудани ниҳоди мустақили давлатие, ки низоми аттестатсияи кадрҳои миллии илмӣ-техникиро бар уҳда дошта бошад, қисме аз олимону муҳаққиқони ҷавон ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ буданд. Хушбахтона, ин мушкилӣ пушти сар шуд ва бо иқдоми маорифпарварона ва фарҳангсолоронаи Сарвари давлат, Пешвои муаззами миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуда, фаъолият мекунад ва дар аттестатсияи кадрҳои илмӣ-техникӣ ва омӯзгории тахассуси олӣ масъулияти ҷиддиро бар уҳда дорад. Воқеан, таъсиси ин муассиса, сарфи назар аз ҳамаи мушкиливу норасоиҳо хеле бамаврид, саривақтӣ ва дар ҳаёти фарҳангию илмии кишвар ва дар ҷараёни

таъмини истиқлолияти кишвар дар раванди аттестатсияи кадрҳои илмӣ-техникӣ ва омӯзгории тахассуси олӣ икдоми ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯз аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмию таҳқиқотӣ ва коллеҷҳои кишвари азизамон нарасидани кадрҳои дорои тахассуси олӣ ва умуман мушкилоти кадрӣ, баръало, эҳсос мегардад. Иқтидори илмӣ ва вазъи воқеии ба кадрҳои илмӣ-техникӣ ва омӯзгории тахассуси олӣ таъмин будани муассисаҳои таҳсилоти касбиамонро ҷадвали зерин возеҳ нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1**

**Ҷадвали иқтидори илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| р/т | Номи муассисаҳо | Шумораи умумии омӯзгорон | Шумораи омӯзгорони унвондор | Иқтидори илмии муассиса бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | 569 | 228 | 51 |
| 2. | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 1327 | 641 | 48 |
| 3. | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 309 | 135 | 43 |
| 4. | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | 176 | 77 | 43 |
| 5 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров | 874 | 359 | 41 |
| 6. | Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон | 446 | 174 | 39 |
| 7 | Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат | 163 | 59 | 36 |
| 8. | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 334 | 117 | 35 |
| 9. | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ | 927 | 314 | 34 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ибни Сино | | | |
| 10. | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур | 453 | 153 | 34 |
| 11. | Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 388 | 128 | 33 |
| 12 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 288 | 88 | 31 |
| 13 | Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон дар шари Хуҷанд | 266 | 79 | 30 |
| 14 | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | 130 | 37 | 28 |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | 635 | 171 | 26 |
| 16 | Донишгоҳи  давлатии тиббии Хатлон | 83 | 22 | 26 |
| 17 | Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон | 169 | 40 | 24 |
| 18 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 795 | 180 | 22 |
| 19 | Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон | 123 | 28 | 22 |
| 20 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 233 | 51 | 22 |
| 21 | Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам | 88 | 16 | 18 |
| 22 | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент | 130 | 20 | 15 |
| 23 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ | 561 | 80 | 14 |
| 24 | Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 160 | 22 | 14 |
| 25 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | 339 | 41 | 12 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 26 | Донишкадаи менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 250 | 26 | 10 |
| 27 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода | 269 | 22 | 8 |
| 28 | Донишгоҳи давлатии Данғара | 456 | 33 | 7 |
| 29 | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт | 112 | 8 | 7 |
| 30 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Саторов | 195 | 13 | 6 |
| 31 | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов | 303 | 13 | 4 |

Вале ин ҳолат маънои онро надорад, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пайи ба таври механикӣ зиёд кардани олимони дараҷаву унвондор бошаду ба сатҳу сифат ва натиҷаи амалии диссертатсияҳо бетаваҷҷуҳ бошад. Ҳаргиз ин тавр нест. Аз ҷониби дигар, боиси таассуф аст, ки теъдоди ашхоси дорои дараҷаву унвонҳои илмӣ, аз ҷумла номзад ва докторҳои илм, дотсенту профессор ҳар сол афзоиш дошта бошад ҳам, лекин болоравии сатҳи дониш, илму технология, рушди захираи зеҳнии мамлакат чандон назаррас нест ва агар вазъ ба ҳамин минвол бошад, илм тадриҷан ба як соҳаи камсамар табдил меёбад. Ҳол он ки, илм бояд ба қувваи истеҳсолкунандаи ҷамъият, ба неруи муҳими пешбарандаи он табдил ёбад ва дар рушди иқтисоду фарҳанги кишвар нақши ҳалкунанда дошта бошад ва нигаронии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҳамин бобат аст.

Чуноне, ки дар боло қайд гардид, ба арсаи илмию фарҳангии мамлакат ворид шудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ниҳоди мустақил, ки раванди аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникиро бар ухда дорад, як падидаи нек ва умедбахш дар фазои илмию эҷодии кишвар маънидод кардан мумкин аст.

Баъди ба тасвиб расидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ оид ба

Шӯрои диссертатсионӣ», «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» ва «Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда» №505 аз 26 ноябри соли 2016 маъракаи пешниҳод намудани дархостномаҳо барои таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ оғоз гардид. Дар ин ҷо як нуктаи хеле муҳим қобили таъкид мебошад, ки давраи аввали пешниҳоди ҳуҷҷатҳо як навъ мусобиқаро мемонд ва баъзе муассисаҳои илмӣ ва олимони алоҳида бо ҳар роҳ шӯрои диссертатсионӣ ташкил карданӣ мешуданд. Далели равшани ин гуфтаҳо дар марҳилаи аввал ворид шудани 130 дархостнома ҷиҳати таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ мебошад, ки аз 1/3 ҳиссаи ин дархостҳо аз ҷониби Комиссия рад карда шуданд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ аз 56 шӯроҳои диссертатсионӣ 53-то фаъолият доранд, ки аз рӯйи 171 ихтисоси анъанавӣ ва 109 ихтисоси доктори фалсафа (PhD) диссертатсияҳоро барои ҳимоя қабул карда метавонанд. Аз шумораи умумии шӯроҳои диссертатсионӣ 14 – то ба илмҳои табиӣ- риёзӣ ва техникӣ, 11-то ба илмҳои тиббӣ, биологӣ ва аграрӣ ва 29-то ба илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ рост меояд.

Мутаассифона, бинобар сабабҳои риоя накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва вуҷуд доштани норасоиҳои ҷиддӣ, фаъолияти ду шӯрои диссертатсионӣ қатъ карда шуда, фаъолияти як шӯрои диссертатсионӣ, муваққатан, боздошта шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар дохили кишвар боз 23 шӯроҳои диссертатсионии Комиссияҳои олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият доранд, вале дар бораи фаъолияти ин шӯроҳои диссертатсионӣ Комиссия маълумот дар даст надорад. Дар ин шӯроҳо диссертатсияҳо чи гуна пешниҳод ва ҳимоя мешаванду сатҳу сифати онҳо дар кадом поя қарор доранд, Комиссия қазоват карда наметавонад. Ба манфиати кор мебуд, агар масъалаи зарурати таъсиси шӯроҳои мазкур ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг карда мешуд. Шояд вақти он расидааст, ки аз шумораи зиёди шӯроҳои диссертатсионии такрор худдорӣ карда, ба сифати онҳо таваҷҷуҳи бештар намоем.

Аз ибтидои соли 2017, яъне аз давраи ба фаъолияти амалӣ оғоз кардани шӯроҳои диссертатсионии Комиссия аз тарафи Раёсати он **259** диссертатсия тасдиқ карда шудааст, **ки аз онҳо 22 адад**

**диссертатсияи докторӣ, 236 адад диссертатсияи номзадӣ ва 1-то диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мебошанд.**

Аз миқдори умумии диссертатсияҳои тасдиқшуда **88** адад ба илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, **39** адад ба илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ва **132** адад ба илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ рост меоянд. Аз ин миқдор **65** нафар муаллифони диссертатсияҳо занон мебошанд.

Дар назари аввал ин рақамҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд менамояд, вале дар асл ҳаргиз чунин нест. Зеро, агар **ниёзмандӣ, эҳтиёҷ ва таъмини кишвари азизамонро ба кадрҳои илмӣ, илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ дар қиёс ба дигар давлатҳои пешрафта ба назар гирем, чунин манзараро мебинем.**

**Ин ҷо бамаврид мебуд, эҳтиёҷмандӣ ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро, ба кадрҳои илмӣ, илмӣ-омӯзгории тахасуси олӣ, ки дар боло ишора шуд сарфи назар нанамоем.** Маълумоти дигаре, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудаасту ба ҳолати марти соли 2019 мансуб аст, гуфтаҳои болоро бори дигар тасдиқ мекунад, чунончи шумораи умумии олимони дараҷаи илмидошта дар ҷумҳурӣ 3984 нафарро ташкил медиҳад, ки он ба 0,04 фоизи аҳолии кишвар баробар аст.

**Ҷадвали 2**




Фаромӯш набояд кард, ки теъдоде аз насли кӯҳансоли олимонамон ҳар сол дунёро падруд мегӯянд, қисме ҷумҳуриро тарк мекунанд ва теъдоди муайяне тарки ихтисос намуда, ба сохторҳои дигари давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба кор мегузаранд. Ин рақамҳо, албатта нигаронкунанда мебошанд, вале чунин ҳолат ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки аз пайи зиёд кардани шумораи олимон шавему аз натиҷаву дастовардҳои илмии онҳо бехабар бошем.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди илмро дар баробари маориф ва тандурустӣ самти афзалиятноки стратегияи рушди миллӣ эълон намудааст. Бинобар ин, Комиссия дар раванди экспертизаи илмии диссертатсияҳои пешниҳодшуда ҷиддияту қотеиятро сармашқи кори худ намуда, ба натиҷаҳои амалии диссертатсияҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Омӯзиш, таҳлил, арзёбӣ ва экспертизаи диссертатсияҳо возеҳан, нишон медиҳанд, ки сатҳу сифат ва натиҷаҳои амалии на ҳамаи диссертатсияҳо ба талаботи замон ва интизорие, ки Роҳбари давлат доранд, ҷавобгӯ мебошанд. **Аз ин ҷост, ки то имрӯз 30 адад диссертатсия ба шӯроҳои диссертатсионӣ баргардонида шудааст. Аз ин миқдор, 3 адад ба илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, 5 адад ба илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ва 22 адад ба илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ рост меоянд.**

Таҷриба нишон дод, ки на ҳама шӯроҳои диссертатсионӣ ба мубрамӣ **ва аҳамияти амалии мавзуъҳои диссертатсионӣ, навоварии илмӣ, асолати онҳо, натиҷаҳои амалӣ ва алоқамандии онҳо ба истеҳсолот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунанд, ки ин, албатта, боиси нигаронист.**

Бояд зикр намуд, ки масъалаи алоқамандии илм ба амалия масъалаи дирӯзу имрӯз нест. Мутафаккирону орифони асримиёнагии Шарқ ҳамеша ба ин масъала таваҷҷуҳ доштанд ва аҳамият медоданд.

Масалан, Низоми Ганҷавӣ чунин фармудааст:

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.

Ё ки Мир Алишери Навоӣ дар асараш "Маҳбуб-ул-қулуб" чунин овардааст; "Касе илм омӯхта амал накардааст, мисли он, ки заминро шудгор карда, тухмӣ напошидааст ё аз маҳсули он баҳра набардоштааст".

Ҳаминро бояд таъкид кард, ки баъзе шӯроҳои диссертатсионӣ ба талабот ва тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва авторефератҳо аҳамият надода, дар таъйин намудани муқарризони расмӣ талаботи бандҳои дахлдори Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)-ро ба назар намегиранд. Баъзан, дар таъйин кардани муқарризони расмӣ ба хешутаборчигӣ, ошнобозӣ роҳ медиҳанд, ки Комиссия, бо чунин падидаҳо ҳаргиз муросо намекунад ва чунин диссертатсияҳо ҳатман баргардонида мешаванд.

Бисёр ҷойи таассуф ва боиси нигаронӣ аст, ки баъзан шӯроҳои диссертатсионӣ диссертатсияро ҷиддӣ наомӯхта, асолати онро дуруст насанҷида, экпертизаи дохилиро ҷиддӣ нагузаронида, ҳимояро ташкил менамояд ва парвандаи аттестатсиониро бо ғалатҳои зиёду нобахшиданӣ ба Комиссия ирсол мекунанд.

Агар ҳамин гуна набошад, роҳбари илмӣ, ду муқарризи расмӣ, раис, котиб ва аъзои шӯрои диссертатсионӣ ҳамин гуна автореферетро мегузаронанд? (Расми 1).



*на правах рукописи*

Специальность: 23.00.06. – конфликтология (политические науки)

Автореферат
диссертации на соискание ученой степени
кандидата философских наук

?

Душанбе - 2018

АННОТАТСИЯ

Ба диссертатсияи ... дар мавзӯи «Масъалаҳои низоъбарангези ...» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.06 – низоъшиносӣ (илмҳои сиёсатшиносӣ)

Расми 1

Чунин ҳолат, албатта хеле ҳузновар, нигаронкунанда ва боиси изтироб аст. Камбудии дигаре, ки имрӯз Комиссияро ба ташвиш овардааст, асолати пасти баъзе диссертатсияҳо мебошад. Ҳатто баъзе муаллифони рисолаҳои илмӣ бо мақсади фиреб додани барномаи компютерии антиплагиат ба амалҳои нопоке даст мезананд, ки аз он бӯйи ҷиноят меояд. Чуноне, ки ҳангоми санҷиши яке аз диссертатсияҳо барнома онро ҳамчун ҳуҷҷати шубҳанок ба қайд гирифтааст. Пас аз тафтиши мутахассиси соҳа маълум гашт, ки

довталаб барои ошкор нагаштани асардуздии худ ва фиреб додани барнома дар матни диссертатсияаш (ҷойҳое, ки аз дигар муаллифон рӯйбардор намудааст) рамзҳои номаълум гузоштааст, вале ин найранги ӯ ошкор гардид. Ба матни саҳифаҳо аз ин диссертатсия ва натиҷаи шубҳаи барномаи антиплагиати Комиссия нигаред (Расми 2):




Расми 2

На ҳамаи шӯроҳои диссертатсионӣ ба талабот ва тартиби барасмиятдарории диссертатсияву автореферат аҳамият дода, дар

таъйин намудани муқарризони расмӣ талаботи бандҳои Низомномаро ба назар мегиранд, ки он боиси нороҳатӣ, саргардонӣ ва ба азоби руҳию равонӣ дучор гардидани довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ мегардад. Таҷриба ва экспертизаи диссертатсияҳо нишон дод, ки роҳбарони илмӣ, муқарризони расмӣ, муасисаи тақриздиҳанда, ба мубрамӣ, аҳамияти амалӣ, алоқамандии он ба истеҳсолот, навоварии илмӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намекунанд.

Ҳолатҳое маълуманд, ки шӯроҳои диссертатсионӣ диссертатсияро ҷиддӣ наомӯхта, асолати онро дуруст насанҷида, ҳимояро гузаронида, парвандаи аттестатсиониро ба Комиссия ирсол намудаанд. Албатта, беҳтар мебуд ва ҳатман зарур аст, ки шӯроҳои диссертатсионӣ, корҳои суст, нопухта, камрангу камаҳамият ва серғалатро умуман барои ҳимоя қабул намекарданд. Дар сурати аз шӯрои диссертатсионӣ гузаштани диссертатсияҳои хом ва баъди дар Комиссия ошкор гаштани камбудиҳои ҷиддӣ чунин диссертатсияҳо, албатта, баргардонида мешаванд ва табиист, ки норозигӣ ва даъвою шикоятҳои диссертант, роҳбари илмӣ оғоз гашта ба идораву мақомоти гуногуни давлатӣ мурочиат мекунанд. Баъди он фишоровариии аёну ноаён, хоҳишҳо ва илтимосҳои нозаруру бемавқеъ оғоз мегарданд ва аз ҳама аламовар ин аст, ки баъзан туҳмату шикоятҳои беасос мувоҷеҳи Комиссия ва кормандони он мегардад. Ин ҳолат нигаронкунанда буда, боиси изтироб ҳам гардидааст. Таассуфовар он аст, ки даъвою аризаҳои чунин довталабон ба истилоҳ олимони оянда дар баъзе ниҳодҳои давлатӣ мухлисону ҳомиёни худро пайдо мекунанд. Оё бо аризабозиву даъвою дасиса олим шудан ва дар ҷомеаи илмӣ эътироф пайдо кардан мумкин аст? Ҳаргиз не!

Ба доираи илмии кишвар хуб маълум аст, ки ба сатҳу сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, диссертатсияҳо, пеш аз ҳама кафедра ё шуъба ва муҳимтар аз ҳама шӯрои диссертатсионӣ масъул аст. Дар ин марҳилаҳо кори илмӣ гаштаю баргашта коркард, таҳриру сайқал ёфта, баъдан бояд ба ҳимояи расмӣ (ошкоро) бароварда шавад. Дар ин зинаҳо худи диссертант, олими ҷавон низ пухтаву соҳибтаҷриба мегардад. Дар ин раванд моро зарур аст, ки дар интихоби магистрантҳо бодиққат бошем ва танҳо ба онҳое имконияти гузаштан ба зинаи болотари таҳсилот диҳем, ки аъло мехонанд, ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ завқу рағбат дошта, дорои тафаккури амиқи илмӣ мебошанд. Дар акси ҳол, иқтидори зеҳнию илмии кишвар боз

ҳам заифтар гашта, олимонамон дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатнопазир мегарданд.

Боз як нуктаи нозук ва ниҳоят муҳимро бояд таъкид кард, ки Комиссия ҳаргиз ба сатҳу сифати диссертатсияҳо бетаваҷҷуҳ нест ва дар ин робита то ҷое, ки имкон дошт ба шӯроҳои экспертӣ ғолибан олимони варзидаву принсипнокро ҷалб намудааст, то ки ба диссертатсияҳо баҳои ҳаққонию объективона дода шавад. Вале мушкилӣ дар он аст, ки кӣ шогирди кист, ё диссертатсия барои экспертиза ба кадом мутахассис шояд фиристода шавад ва дар ин мавридҳо ашхоси манфиатдор дар ҷустуҷӯи роҳҳои таъсиррасонӣ ба экспертҳо мешаванд. Ин ҳолат моро водор месозад, ки оҷилан чораҳои иловагӣ андешида, дарҳол экспертро иваз намоем.

Комиссия дар чунин мавридҳо ва дигар ҳолатҳои баҳснок метавонад диссертатсияро барои экспертизаи иловагӣ ба мутахассиси хориҷӣ фиристад, вале мутаассифона, вазъи молиявии Комиссия ҳанӯз ба ин имкон намедиҳад, зеро эксперти хориҷӣ ҳаққи хизматашро талаб мекунад. Алҳол Комиссия дар ҷустуҷӯи пайдо намудани чунин имкониятҳо мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло беҳтар мебуд ва болотар аз ин зарур аст, ки шӯроҳои диссертатсионӣ диссертатсияҳои пурғалату сатҳу сифаташон сустро барои ҳимоя қабул накунанд.

Итминони мо комил аст, ки зина ба зина, марҳила ба марҳила ин камбудиҳо бартараф ва мушкилоти давраи аввал пушти сар хоҳанд гашт.

Мушкилии дигари ҷиддӣ дар ин раванд ва дар ҷараёни рушди нерӯи илмӣ-техникии кишвар ин қатъ гадидани робитаи байни таҳсилот ва илми бунёдӣ, байни илми академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Қатъи робитаҳо ба пошхӯрии маблағ, ҷудоии олимон, коҳиши сифати таҳсилот оварда расонда, дастрасии донишҷӯён, аспирантҳо ва докторантҳоро ба озмоишгоҳҳо ва дастгоҳҳои нодири Академияи илмҳои ҶТ ва академияҳои илмҳои соҳавӣ мушкил сохтааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додани масъалаи робитаи мутақобилаи маориф ва илм дар чаҳорчӯбаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Вазифаи асосии иҷтимоӣ, функсияи ҷамъиятии илм ва маориф аз истеҳсолу интиқоли дониш иборат мебошад. Аммо, тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, ҳамакнун иқтисодиёти Тоҷикистон дар чунин ҳолате қарор дорад, ки хоҷагии халқи он наметавонад имрӯз

истеъмолкунандаи фаъол ва асосии маҳсулоти зеҳнӣ бошад. Бинобар ин, бо мақсади ҳифз ва тақвияти нерӯи зеҳнии кишвар натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ бояд аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳайати профессорон бошанд, имрӯз моҳиятан ба интиқолдиҳандагони донишҳое табдил ёфтаанд, ки «як замоне аз худ намудаанд» ва маъмулан, дар раванди таҳқиқоти илмӣ иштироки фаъол надоранд.

Афзоиши нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа ҳамчун тамоюли умумиҷаҳонӣ ба он алоқаманд аст, ки он натанҳо тавлид ва андухтани донишҳои нав, балки пайваст намудани онро бо захираҳои меҳнатӣ амалӣ менамояд.

Ҳоло ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи илмҳои ҶТ ва академияҳои илмҳои соҳавӣ дар самти се низоми муҳимтарин – «илм», «таҳсилоти олӣ», «истеҳсолот», новобаста аз гуногунии сатҳи рушди онҳо, дар зинаи шаклгирии комплексҳои илмӣ-таҳсилотӣ-истеҳсолӣ қарор доранд.

Вале дар кишварҳои аз ҷиҳати илмию таҳқиқотӣ пешрафтаи ҷаҳон ҳанӯз аз охири асри XX маҷмӯи омилҳои объективӣ шакл гирифтанд, ки ба оғози марҳилаи сифатан нави ҳамгироии илм, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва истеҳсолот ибтидо гузоштанд. Хусусияти фарққунандаи он пайдоиш ва рушди шаклҳои нави ҳамгироӣ буда, ягонагии нерӯи илмию техникӣ ва истифодаи самараноктари онро дар истеҳсолот таъмин намуд.

Чуноне, ки дар «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» аз 1 августи соли 2006 зикр гардидааст, яке аз вазифаҳои стратегӣ аз он иборат аст, ки бояд ҳамгироии пажӯҳишгоҳҳои академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақвият ёбад. Тибқи стратегияи қабулгардида тарҳрезии тадбирҳое пешбинӣ шудааст, ки амалисозии онҳо барои муттаҳид шудани тавонмандии илмии пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои илмҳои соҳавии ҶТ (кишоварзӣ, таҳсилот, тиббӣ) ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки низоми омода кардани мутахассисони ҷавон бештар ҳадафманд ва самарабахш гардад.

Масъалаи ҷалби олимону мутахассисон ҷиҳати фаъолияти муштарак дар бобати иҷрои барномаҳои ҳадафманди комплексӣ оид ба проблемаҳои муҳиму мубрами илмӣ ва илмӣ-техникӣ ва тадбирҳои зикршуда дар «Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2008», «Барномаи тарбияи кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Барномаи комплексии мақсадноки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, амсоли энергияи дарёҳои хурд, офтоб, шамол, биомасса, энергияи манбаъҳои зеризаминӣ барои солҳои 2007-2015» ва ғайра зикр гардидааст. Вале бояд иқрор шуд, ки татбиқи ин санадҳо ва чандин барномаҳои дигари давлатӣ ба тавру бояду шояд, ҳадафмандона ва самаранок ҳамон гунае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интизор буд, ҷомаи амал напӯшиданд.

Рушди босуръати ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир барои инсоният мушкилоти нав ба навро эҷод мекунад, ки ҳаллу фасли он аз ҷомеаи илмӣ ҷустуҷӯю талошҳои нав ва масъулияти ҷиддиеро тақозо мекунад. Яъне зиндагӣ ҳамарӯза барои илм масъалаҳои навро пешниҳод менамояд ва дар ин замина зарурати пайдоиш ва рушди равияҳои нави илмӣ ба миён меоянд. Вобаста ба ин сохторҳои дахлдор ва аҳли илми кишварро зарур аст, ки ба масъалаи равияҳои муосири илмро фаро гирифтани таҳқиқоти илмӣ ва тарбияи кадрҳо дар ин самтҳо бештар таваҷҷуҳ намоянд. Тибқи маълумот ва таҳлилҳое, ки Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ аз рӯйи 32 ихтисоси илмӣ диссертатсияҳо ҳимоя карда мешаванд, ки ин нишондиҳанда танҳо 8% феҳристи ихтисосҳои муайянгардидаи илмиро ташкил медиҳад. Барои қиёс ҳамин гуна нишондиҳанда, дар Федератсияи Россия ба 96%, Украина - 65%, Беларус - 65%, Қазоқистон - 54% ва Молдова - 16%-ро ташкил медиҳад. Дар ин самт Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҷойи охир қарор дорад. Падидаи мазкур ҳамчун нишонаи номукаммалии захираи зеҳнии ҷумҳурӣ арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, тамоми аҳли илми мамлакат, бахусус Вазорати маориф ва илми ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Академияи илмҳои ҶТ, академияҳои соҳавӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ бояд дар якҷоягӣ таҳти сарпарастии ниҳоди мушаххаси Ҳукумати ҶТ барои фарогирии самтҳои гуногуни муосири илм, тарбияи кадрҳо дар ин самтҳо чораҳои мушаххас ва муассир андешанд.

Ба як нуктаи муҳим, ки дар боло андаке ишора намудем, бармегардем. Бо устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бахусус ба доираҳо ва муассисаҳои илмии кишвар хуб маълум аст,

ки ба сатҳу сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ, диссертатсияҳо, натиҷаҳои амалии онҳо, асосан, вазорату идораҳои дахлдор, Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти олӣ ва шӯроҳои диссертатсионӣ масъул мебошанд. Дар ин зинаҳо корҳои илмию таҳқиқотӣ бояд гаштаю баргашта коркард ва сайқал ёфта, оид ба татбиқи амалии онҳо натиҷагирӣ шуда, баъдан ба ҳимояи ошкоро бароварда шавад. Танҳо дар ҳамин ҳолат натиҷаҳои илмӣ ва дастовардҳои амалии муаллиф зери шубҳа намемонад.

Ба таъкиди дурусти Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро зарур аст, ки «...фаъолияти олимонро ба самтҳои таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, ки бидуни онҳо пешрафти иқтисодиёти миллӣ ғайриимкон аст, равона намоем».

Барои ислоҳи вазъи кунунӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ ва ба амалия алоқаманд намудани он пешниҳодҳои зерин лозим дониста мешавад.

- саравввал аз тамоми муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар даъват ба амал оварда мешавад, ки ба сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ мавзуъҳоеро интихоб намоянд, ки дархӯри ниёзҳо ва манфиатҳои миллию давлатӣ ва иқтисодиёти имрӯзаи мамлакат бошанд;

- ба корҳои илмию таҳқиқотӣ шахсони болаёқату ба илм рағбатдошта, ҷавонони дорои тафаккури амиқи илмию ҷаҳонбинии муосир ва фидоии касби худ ҷалб карда шаванд. Миллати тоҷик аз чунин афрод ва истеъдодҳои нотакрор бой аст. Онҳоро гулчин карда, бояд ҳамчун захираҳои тиллоӣ ва сарвати зеҳнии миллат тарбия намоем. Мисоли равшани ин гуфтаҳо олим ва кашфиётгари ҷавон Давлат Ёқубов мебошад, ки бо вуҷуди донишҷӯ будан формулаи доруеро ихтироъ кардааст, ки сирояти вируси папилом ва дигар ангалҳоро дар организми инсон пешгирӣ менамояд. Ин кашфиёти олими ҷавон «формулаи наҷот» ном гирифта, таваҷҷуҳи коршиносону ҷомеаи илмии ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст ва ҳатто хориҷиён тайёранд, ки онро ба маблағи 35 миллион доллари амрикоӣ харидорӣ намоянд. Аз ин рӯ, месазад, ки мо дар садади ҷустуҷӯ ва тарбияи чунин истеъдодҳо бошем ва фаъолияти худро ба самтҳои афзалиятноки илми кишвар, бахусус техника ва технологияҳои нав равона созем;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии кишвар, ки дар назди комиссияҳои олии аттестатсионии кишварҳои хориҷӣ амал мекунанд, бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутамарказ сохтани дастовардҳо, захираҳо ва иқтидори зеҳнии кишвар дар як марказ ва истифодаи минбаъдаи он дар истеҳсолот зарур мебошад;

- ҳамкории ҷомеаи илмии кишвар ва истеҳсолот тақвият мехоҳад. Механизми босамари дар истеҳсолот ҷорӣ намудани кашфиёт, ихтироот ва дастовардҳои олимони кишварро пайдо намуда, фарҳанги татбиқ ва танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилии ин механизмро такмил додан лозим аст. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем ба ҳадафҳои милливу стратегии худ ноил гардем ва дастуру роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллатро дар амал татбиқ намоем ва илмро ба қувваи истеҳсолкунанда табдил диҳем;

- таҳлилҳои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит намуданд, ки яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар рушди нерӯи илмӣ-техникии кишвар қатъ гаштани равобит ва алоқаманди байни таҳсилот ва илми бунёдӣ, байни илми академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Бинобар ин, вақти он расидааст, ки дар чаҳорчубаи сиёсати давлатӣ масъалаҳои алоқамандии маориф ва илм ҷиддӣ таҳлил ва таҳқиқ шавад.

Банда андешаҳои хешро ба катибае, ки дар даромадгоҳи яке аз донишгоҳҳои муътабар насб шудаасту ба мавзӯи матраҳшаванда алоқаманд аст, ҷамъбаст менамоям:

«Барои нобуд сохтани ҳар гуна миллат силоҳи қатли он лозим нест. Танҳо коста намудани таҳсилот ва ба муҳассилон иҷозат додани фиребу найранг дар имтиҳонҳо басанда аст, ки:

- беморон аз дасти чунин табибон мемиранд;
- биноҳо аз дасти чунин муҳандисон фурӯ мерезанд;
- маблағҳо аз дасти чунин иқтисоддонону муҳосибон нобуд мешаванд;
- адолат аз дасти чунин ҳуқуқшиносону додрасон аз миён меравад».

Хулоса, шикасти таҳсилот – ин заволи миллат аст.

# НОМГӮЙИ
## ҲУҶҶАТҲОИ ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ ШАХСОНИ ДОВТАЛАБОНИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ БАРОИ ПЕШНИҲОД БА КОА НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2019, №8 тасдиқ шудааст).*

1. Нусхаи якуми диссертатсия;
2. Монографияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия (агар диссертатсияи докторӣ бошад);
3. Автореферати диссертатсия – 4 нусха (дар лифофаи алоҳида);
4. Номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионӣ (Замимаи 11);
5. Мактуби ҳамроҳ бо имзои роҳбари муассиса ва қайди санаи ирсоли мактуб ба КОА дар бланкаи муассисае, ки дар заминаи он шӯро таъсис дода шудааст;
6. Маълумотнома оид ба асолати матни диссертатсия (хулосаи санҷиши дар системаи «Антиплагиат»);
7. Хулосаи натиҷаҳои ташхиси муқаддамотии диссертатсия дар муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст;
8. Маълумот дар бораи муассисаи тақриздиҳанда (Замимаи 17);
9. Нусхаи асли хулосаи (тақризи) муассисаи тақриздиҳанда ;
10. Маълумот дар бораи муқарризони расмӣ (Замимаи 6);
11. Нусхаи асли тақризҳои муқарризони расмӣ;
12. Нусхаи асли тақризҳо оид ба авторефератҳои диссертатсия, ки аз дигар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ ворид шудаанд;
13. Нусхаи эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи ташкилот ва сомонаи КОА;
14. Матни эълон оид ба ҳимояи диссертатсия (Замимаи 7);
15. Пайнависи (стенограмма) ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ бо матни маърӯзаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ;
16. Суратҷаласаи ҷаласаи комиссияи ҳисоб (Замимаи 16);
17. Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ - 2 нусха (хаттӣ ва электронӣ);
18. Суратҷаласаи ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ;
19. Сабти аудио-видеоии ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ;

20. Маълумотнома ба парвандаи аттестатсионии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ – 2 нусха (Замимаи 10) (хаттӣ ва электронӣ);
21. Нусхаи шаҳодатномаи тасдиққунандаи супурдани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ бо маълумотнома оид ба таҳсил (барои довталабони дараҷаи илмии номзади илм);
22. Нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилоти олӣ, дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (ҳангоми тағйир ёфтани ному насаб – нусхаи ҳуҷҷате, ки тағйир ёфтани онро тасдиқ менамояд), ки аз ҷониби муассиса ё идораи нотариалӣ тасдиқ гардидаанд;
23. Маълумотнома оид ба хатми докторантураи (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ё аспирантура;
24. Нусхаи корти баҳисобгирии диссертатсия дар МД «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ (нусха);
25. Маълумотнома аз Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар бораи супоридани нусхаи диссертатсия ва автореферат;
26. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо аз ҷойи кор (бо имзо ва муҳр тасдиқшуда);
27. Анкетаи корманди илмии ҶТ (Замимаи 12)(хаттӣ ва электронӣ);
28. Нусхаи он саҳифаҳои шиноснома, ки дорои маълумоти анкетавии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ мебошад (барои шаҳрвандони хориҷӣ-тарҷумаи маълумоти шиноснома бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тариқи нотариалӣ тасдиқ шудааст);
29. Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
30. Нусхаи электронии бастаи ҳуҷҷатҳо дар як диск;
31. Нусхаи электронии диссертатсия ва автореферат дар шакли Word;
32. Нусхаи варақаи қайди ҳузури аъзои шӯро

**Эзоҳ:** Ҳамаи ҳуҷҷатҳо (Замимаи 11) дар ҷузвгир бо пайдарпаии дар феҳрист овардашуда якнусхагӣ ҷойгир карда шуда, ҳуҷҷатҳои боқимонда дар лифофа ҷойгир карда мешаванд. Сарсаҳифаи парвандаи аттестатсионӣ мутобиқи шакли қабулшудаи Замимаи 13 мураттаб карда мешавад.

# НАМУНАҲОИ ҲУҶҶАТҲО

Замимаи 1

## ШИНОСНОМАИ ИХТИСОС*

______________________________________________

(рамз ва номи ихтисос, соҳаи илм)**

1. Соҳаи илм_______________________________________

(соҳаи илми дахлдор нишон дода мешавад)

11. Формулаи ихтисос________________________________

(аломатҳои асосии соҳаи донишҳое оварда мешаванд, ки ин ихтисосро дар соҳаи илми мазкур тавсиф мекунанд)

III. Соҳаҳои таҳқиқот______________________________

(соҳаҳои таҳқиқе муайян карда мешаванд, ки ин ихтисосро аз дигар соҳаҳои илм фарқ мекунонанд, аз ҷумла ҳамин ихтисосро аз рӯйи дигар соҳаҳои илм)

IV. Ихтисосҳои бо ҳам наздик____________________________

(рамз ва номгӯйи ихтисосҳои бо ҳам наздик ва тавофути онҳо

______________________________________________

аз ихтисосе, ки аз рӯйи он шиноснома пешниҳод карда мешавад)

Роҳбар__________ ________________

(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Ҷ.М.

________________

(санаи рӯз)

______________________

*Ба КОА дар ду нусха ва шакли электронӣ пешниҳод карда мешавад.

**Рамзҳои ихтисосҳо тибқи Таснифоти намунавии самт ва ихтисосҳои докторантура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад.

Замимаи 2

# МАЪЛУМОТНОМА

## оид ба ҳайати шӯрои диссертатсионӣ*

________________________________назди_________________________

(рамзи шӯро- дар КОА сабт мешавад) (номгӯи муассиса, суроға, телефон)

барои дарёфти дараҷаи илмии ________________________________

(доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос)

аз рӯйи ихтисоси (ихтисосҳои) ________________________________

(рамзҳо, номгӯйи ихтисосҳо ва соҳаҳои илм)

| № т/р | Насаб, ном, номи падар рӯз, моҳ ва соли таваллуд | Ҷойи кори асосӣ, вазифа, телефонҳо (хонагӣ ва ҷойи кор) | Дараҷаи илмӣ ва соҳаи илм (соли додани он), рамз ва номи ихтисосҳо, унвони илмӣ (соли дарёфт) | Иштирок дар дигар шӯроҳо (рамзи шӯро ва ихтисоси пешниҳодшаванда) | Рамзи ихтисос дар шӯро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | | | | | |

**Роҳбар** ____________ ______________________

(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Ҷ.М.

______________________

(сана)

______________________

*Ба КОА дар ду нусха пешниҳод карда мешавад.

Замимаи 3

# МАЪЛУМОТНОМАИ

## интишороти илмии асосии аъзои шӯрои диссертатсионӣ*

____________________________________назди____________________________
(рамзи шӯро- дар КОА сабтшуда) (номи муассиса, суроға, телефон)

бароидарёфти дараҷаи илмии____________________________________
(доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос)

аз рӯйи ихтисоси (ихтисосҳои)____________________________________
(рамзҳо, номгӯйи ихтисосҳо ва соҳаҳои илм)

| № т/р | Насаб, ном, номи падар | Рамзи ихтисос | Интишороти асосӣ** |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | | | |

**Роҳбар** ____________ ____________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)
Ҷ.М.

________________________
(сана)

*Ба КОА дар ду нусха пешниҳод карда мешавад.
**Рӯйхати интишорот мувофиқи Дастурамал дар бораи танзими диссертатсия ва автореферат, ки бо қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, танзим мегардад.

Замимаи 4

# РӮЙХАТИ

## ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод мешаванд

1. Аризаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо зикри номи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он пешниҳод карда мешавад*.

2. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо акс, ки дар ҷойи кор тасдиқ карда шудааст (2 нусха).

3. Нусхаҳои тасдиқшудаи дипломи таҳсилоти олӣ ва хатми магистратура.

4. Асли шаҳодатномаҳо дар бораи супорида шудани имтиҳонҳои ( минимуми номзадӣ) докторантураи фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва санҷишҳо.

5. Диссертатсия (6 нусха).

6. Маълумотномаҳо ва (ё) санадҳои татбиқ, дигар ҳуҷҷатҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, (агар мавҷуд бошад), шаҳодат медиҳанд.

7. Дастнависи автореферат.

8.Хулосаи муассиса (муассисаҳо) аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи пешакӣ (2 нусха).

9. Тақризи роҳбари илмӣ ё мушовири илмӣ.

10. Нусхаҳои аслӣ (нусхаҳо) ё ксерокопияи таълифоти дар автореферат овардашуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ нашр гардидаанд, инчунин, барномаҳои анҷуманҳои илмӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, ки дар онҳо иштироки довталаби дараҷаи илмӣ тасдиқ шудааст.

11. Ду лифофаи почта бо маркаҳо: яке бо суроғаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, дигаре бо суроғаи шӯрои диссертатсионие, ки дар он диссертатсия ҳимоя шудааст. Дар тарафи муқобили лифофаи дорои суроғаи шӯро, дар тарафи чапи кунҷи боло насаб, ном, номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва дараҷаи илмии дарёфтшаванда навишта мешавад.

12. Нусхаи ксерокопияи саҳифаҳои шиноснома, ки дорои маълумоти анкетавӣ доир ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ мебошад, (барои шаҳрванди хориҷӣ тарҷумаи аз тарафи нотариус тасдиқшуда ба забони давлатӣ) (2 нусха).

---

*Дар мавриди ҳимояи такрорӣ дар ариза инҳоро нишон додан лозим аст: қайд намудани номи диссертатсия, ихтисос, соҳаи илм, рамзи шӯро ва номи муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст ва ҳимояи диссертатсияро гузаронидааст.

Замимаи 5

# РӮЙХАТИ

## ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ки дар шӯрои диссертатсионӣ маҳфуз дошта мешавад

1. Аризаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.

2. Нусхаи диплом оид ба хатми муассисаи таҳсилоти олӣ (барои довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илм нусхаи дипломи номзади илм низ пешниҳод карда мешавад).

3. Нусхаҳои тасдиқшудаи шаҳодатномаҳо дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ, докторантураи фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва санҷишҳо.

4. Тақризи роҳбари илмӣ, ё мушовири илмӣ, ки дар ҷойи кори асосӣ тасдиқ карда шудааст.

5. Хулосаи муассиса (муассисаҳо) доир ба натиҷаҳои экспертизаи пешакӣ.

6. Тақризҳое, ки ба диссертатсия ва автореферат ворид гаштаанд.

7. Варақаи ҳузури аъзои шӯрои диссертатсионӣ.

8. Протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб.

9. Феҳристи тавзеи автореферат бо имзои котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ.

10. Дубликатҳои ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионӣ, ки ба КОА равона карда мешавад.

11. Нусхаҳои аслӣ (нусхаҳо) ксерокопияи интишороти дар автореферат овардашуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ нашр шудаанд, инчунин, барномаҳои анҷуманҳои илмӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, ки дар онҳо иштироки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ тасдиқ шудааст.

Замимаи 6

**МАЪЛУМОТ**
**дар бораи муқарризони расмӣ***

| № т/р | Насаб, ном, номи падар, рӯз, сол ва моҳи таваллуд | Ҷойи кори асосӣ, воҳидҳои сохторӣ, вазифа | Дараҷаи илмӣ, рамз(ҳо)и ихтисос(ҳо), унвони илмӣ | Таълифоти асосӣ доир ба мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| | | | | |
| | | | | |

**Роҳбари шӯрои диссертатсионӣ**

_____________________ (имзо) _____________________ (насаб, ном, номи падар)

Ҷ.М.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ**

_____________________ (имзо) _____________________ (насаб, ном, номи падар)

_____________________ (сана)

---

*Ба КОА дар як нусха пешниҳод карда мешавад.
**3 номгӯйи интишорот, ки ба мавзӯи диссертатсия наздиканд, оварда мешаванд ва рӯйхати интишорот мувофиқи Дастурамал дар бораи танзими диссертатсия ва автореферат, ки бо қарори Раёсати КОА тасдиқ карда шудааст, танзим мегардад.

Замимаи 7

# НАМУНАИ

## эълон дар бораи ҳимояи диссертатсия

## ЭЪЛОН

15 декабри соли 2016, соати 14.00 дар Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон (х. Рӯдакӣ, 17, маҷлисгоҳ) (рамз ва номи шӯрои диссертатсионӣ) ҳимояи диссертатсияи Шаҳлои Абуализодаи Тоҳириён «Қабатҳои лексикию семантикӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар ашъори шоирони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос (номзади илм, доктори илм) баргузор мегардад.

Замимаи 8

# РӮЙХАТИ

## нишониҳое, ки автореферати диссертатсияро тавзеъ намудан ҳатмӣ аст*

1. Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, к. Шевченко 39)

2. Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, к. Теҳрон 5.)

3. Китобхонаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Индира Гандӣ (ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33.)

4. Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.)

5. Хонаи китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 17.)

6. Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, к. Айнӣ 14 а.)

7. *Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббӣ (ш. Душанбе, к. Шевченко 41.)

8. *Академияи таҳсилот (ш. Душанбе, к. Айнӣ 45.)

9. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ( ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад, 13 а.)

10. * Раёсати академияи илмҳои кишоварзӣ (ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21а.)

---

*Ба китобхонаҳое, ки дар бандҳои 7, 8, 10 рӯйхат оварда шудаанд, диссертатсия аз рӯйи ихтисос ирсол карда мешавад.

Замимаи 9

# ВАРАҚАИ

## қайди хузури аъзои шӯрои диссертатсионӣ

______________________________________

(рамзи шӯро)

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ «__» ________________ соли____

(сана)

аз рӯйи ҳимояи диссертатсияи___________________________________

(насаб, ном, номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ)

_________________________________________________________________

(номи диссертатсия)

